КУМИТАИ АНДОЗИ НАЗДИ ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

# Дастурамал

## оиди истифодабарии барномаи онлайн-пардохти андозҳо ва боҷҳо

Барои истифодаи барномаи «**Онлайн-пардохти андозҳо ва боҷҳо**» аз ҷониби истифодабаранда сараввал ба сомонаи расмии Кумитаи андоз бо нишонаи **andoz.tj** ворид гардида, дар тарафи чапи саҳифаи асосии сомона, ба қисмати «**Шахсони воқеӣ**» курсори мушакро гузошта, пас аз пайдо шудани рӯйхати иловагӣ «**Пардохти андозҳо ва боҷҳо**»-ро тавассути мушак пахш намудан, шахс дохили барнома ворид мегардад.



Ҳангоми ворид гардидан ба саҳифаи «**Пардохти андозҳо ва боҷҳо**» пайдарпаии анҷом додани амалиётҳои зерин зарур мебошад:

1. Дар қисми болои чапи барнома, тугмачаҳои «**Шахси воқеӣ**» ва «**Соҳибкорони инфиродӣ**» мавҷуд мебошанд, ки вобаста ба ҳолати мавҷуда яке аз онҳоро интихоб намудан лозим мебошад. Масъалан барои шахсони воқеӣ, ки барои пардохт намудани андоз аз амволи ғайриманқул, андоз аз соҳибони воситаҳои нақлиёт ва ё андози замин, тугмачаи «**Шахси воқеӣ**»-ро пахш намоед. Барои падохти андозҳо аз фаъолияти соҳибкорӣ бошад, тугмачаи «**Соҳибкорони инфиродӣ**»-ро пахш намоед.
2. Инчунини дар қисми болои чапи барнома, дар хоначаи «РМА-и худро ворид намоед», маълумоти РМА худро ворид намуда, баъдан тугмачаи «**Ҷустуҷӯ**»-ро пахш намудан зарур мебошад.
3. Пас аз пахш намудани тугмачаи «**Ҷустуҷӯ**» ва дар ҳолати дуруст ворид намудани маълумоти РМА, хоначаҳои «РМА» ва «Ному насаб» бо таври автомати пур гардида, барои боварӣ хосил намудан, ному насаби бо таври автомати пур гардидаро азназар гузаронидан лозим мебошад.
4. Сипас, ҳангоми азназаргузаронӣ ва боварӣ ҳосил намудан аз дурустии маълумоти пайдо гардида, дар хоначаи «Боҷи давлатӣ» ва хоначаи «Ноҳия» маълумотҳои лозимаро интиход намуда, дар хоначаи «Маблағро ворид намоед» маблағи андозро ворид намудан лозим мебошад.
5. Дар қисмати чапи барнома намуди кортҳо, яъне «**Корти миллӣ» ва «Visa/Master Card**» мавҷуд буда, яке аз онҳоро интихоб намуда, аз руйхати хоначаи «**Бонкро интихоб намоед**» номи бонкро интихоб намоед.
6. Баъд аз анҷом додани амалиётҳои зикргардида, барои идома, тугмачаи «**Ба пеш**»-ро пахш намуда, ба саҳифаи «**Пардохти андозҳо бо истифодаи кортҳои бонки**» гузариш менамоед.

# Саҳифаи «Пардохти андозҳо ва боҷҳо» барои шахсони воқеӣ



Саҳифаи «Пардохти андозҳо ва боҷҳо» барои шахсони воқеӣ. Ҳангоми интихоби андози амволи ғайриманкул як сутуни иловагӣ пайдо мешавад, ки дар он шумо бояд аз рӯйхати афтанда амволи заруриро интихоб кунед.



# Саҳифаи «Пардохти андозҳо ва боҷҳо» барои соҳибкорони инфиродӣ



Ҳангоми ворид гардидан ба саҳифаи «**Пардохти андозҳо бо истифодаи кортҳои бонкӣ**» маълумотҳои пайдо гардидаро ҳатман азназар гузаронида, баъд аз боварӣ ҳосил намудан аз дурустии маълумоти пайдо гардида, тугмачаи «Ба пеш»-ро пахш намудан, шахс ба саҳифаи «**Пардохт аз корти бонк**» ворид мегардад.

Дар акси ҳол тугмачаи «**Ба қафо**»-ро пахш намоед.



Пас аз ворид гардидан, ба саҳифаи «**<u>Пардохт аз корти бонк</u>**» дар ин ҷо низ амалҳои зеринро мувофиқи рақамҳои дар акс гузошташуда бо навбат иҷро намуда, дар охир пахш намудани тугмачаи «**<u>Оплатить</u>**» лозим мебошад.



Дар ҳолати зарури барои санҷиши расидҳо ва ё чопи он Шумо метавонед ба саҳифаи асоси «**Пардохти андозҳо ва боҷҳо**» баргашта тугмачаи «**Санҷиши расидҳо**»-ро пахш намоед.



Пас аз ворид гардидан, ба саҳифаи «**Санҷиши расидҳо**» дар хоначаи «**РМА/РЯМ**» маълумоти РМА ё РЯМ-ро ворид карда, давраи пардохтро аз хоначаҳои дар акс нишондадашуда интихоб намуда, сипас барои ҷустуҷӯи расид тугмачаи «**Санҷиш**»-ро пахш намудан лозим мебошад.

Эзоҳ: Дар ҳолати дуруст ворид намудани маълумот дар поёни саҳифаи «**Санҷиши расидҳо**» руйхати расидҳо пайдо мегарданд.



Сипас аз руйхати расидҳои пайдо гардида, Шумо метавонед яке аз онҳоро барои дидани маълумоти пурраи расид ва ё чоп бо тугмачаҳои дар акс нишондодашуда итихоб намуда ба саҳифаи «**Маълумоти пурраи расид**» гузариш намоед.

## Санҷиши расидҳо

РМА/РЯМ

Сана аз кай: 01.01.2020

Сана то кай: 31.12.2020

Санҷиш

| Ному насаб | РМА | Маблағ (сомонӣ) | Намуди андоз | Сана | Ноҳия | Бонк | Ҳолат | Расид |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | 309 | Андоз аз сохибони воситахои наклиет аз шахсони вокеи | 3/5/2019 8:01:50 PM | Нохияи Сино | Алиф Сармоя | Бо муваффақият | |
| | | 326 | Андоз аз сохибони воситахои наклиет аз шахсони вокеи | 3/3/2020 7:49:13 PM | Нохияи Сино | Алиф Сармоя | Бо муваффақият | |
| | | 338 | Андоз аз сохибони воситахои наклиет аз шахсони вокеи | 2/23/2021 2:52:21 PM | Нохияи Сино | Алиф Сармоя | Бо муваффақият | |

Барои азназаргузаронии расиди пардохти андоз зерин тугмачаро пахш намоед

Гузашт ба саҳифаи асосӣ

Гузашт ба саҳифаи пардохт

Сипас дар саҳифаи «**Маълумоти пурраи расид**» малумотҳои пурраи расид пайдо гардида, барои чопи расид  тугмачаи «**Чоп**»-ро пахш намоед.

## Санҷиши расидҳо

### Маълумот оиди онлайн пардохти андозҳо

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| Пардохт бо корти бонкӣ | 3/5/2019 8:01:50 PM | | Электронӣ | |
| | Сана | | Намуд | |
| Маблағ | 309 | | | |
| Андозсупоранда | [redacted] | | | |
| | РМА | [redacted] | РЯМ | - |
| Бонки пардохткунанда | Алиф Сармоя | | | |
| Қабулкунанда | Хазинадори Маркази Вазорати молия | | | |
| Маълумоти иловагӣ | [Id: 1985] Андоз аз сохибони воситахои наклиет аз шахсони вокеи [redacted] | | | |

Сомонаи Кумитаи андоз: https://andoz.tj

Онлайн пардохти андозҳо: https://pay.andoz.tj

Почтаи электронӣ: info@andoz.tj

Чоп



# ТАШАККУР БАРОИ ДИҚҚАТ!